**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ – башарӣ (охири асри XX — ибтидои асри XX1)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна**

Дар низоми муосири равобити байналмилалӣ Созмони ҳамкории исломӣ мақоми назаррасеро ба худ касб кардааст. Ин нақш ба як қатор омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва динӣ вобаста аст, зеро дар шароити тавсеа ёфтани равандҳои чаҳонишавӣ ҳамоҳангӣ бобати ҳамгироӣ бо системаи хоҷагии ҷаҳонӣ, муқовимат ба зуҳуроти буҳронӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ, инчунин ҳифз ва таҳкими мероси анъанавии фарҳангӣ ба як зарурати мубрам дар равобити давлатҳо бо созмонҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дар марҳилаи имрӯзаи рушду такомули равобити байналмилалӣ СҲИ ба таҳаввулоти ҷиддӣ дучор гашта, аз нигоҳи нуфузу эътибор, теъдоди аъзо ва пураҳамият будани тасмимҳои худ баъди Созмони Милали Муттаҳид мақоми дуюмро дорад. Аз ин ру, рисолаи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим роҷеъ ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ имрӯз аҳаммияти илмию амалӣ касб намудааст.

Тавре ки аз автореферат аён гардид, диссертатсия дар ҳаҷми 184 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз пешгуфтор, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда (200 номгӯй) иборат мебошад.

Масъалаҳои дар автореферати диссертатсия баррасишуда оид ба нақши сиёсӣ ва иқтисодии СҲИ ва дигар созмонҳои байналмилалии исломӣ (ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ) то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст.

Ҳангоми омӯзиши мавзуъ унвонҷӯ асарҳои зиёдеро мавриди истифода қарор дода, онҳоро ба чанд гурӯҳ тақсим кардааст.

Бояд гуфт, ки таҳқиқот дар ин самт бисёрҷониба ва васеъ буда, дар ин самт олимон, шарқшиносони таърихнигор ва ҳуқуқшиносони байналмилалӣ аз кишварҳои хориҷи дуру наздик таҳқиқот бурдаанд ё бурда истодаанд,

Ҳадафи таҳқиқот - омӯзиши ҷомеъ ва ҷамъбасти таҷрибаи андӯхташуда дар бахши ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ва муайян намудани роҳҳои эҳтимолии рушди муносибот миёни ин ду субъекти равобити байналмилалӣ мебошад.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҳолат, мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои воқеан шаклгирифтаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар формати дуҷониба – бисёрҷониба бо СҲИ дар шароити тағйирёбии низоми муносибатҳои байналхалқии охири асри XX ва ибтидои асри XXI мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқи таҷрибаи моделҳои ҳамкории ҶТ ва СҲИ бахши дигаре аз объекти мавзуи таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот бо интихоби худи объекти мавзуъ ва муайян кардани хусусияти вазифаҳои дар пеш гузошташудаи даврони соҳибистиклолӣ ва дарки муҳим будани муносиботи сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ дар баланд бардоштани ҳайсияту эътибори кишварамон дар арсаи байналмилалӣ иборат мебошад, ки барои нахустин маротиба дар ин рисола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки таҳқиқоти маҷмуии илмӣ дар мавриди масъалаҳо ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ-башарӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИдар охири асри XX ва оғози асри XXI анҷом дода шуда, тамоюлҳои асосии рушди ин ҳамкориҳо дар қаринаи сиёсати «дарҳои боз» мушаххас гардонида шаванд.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ – башарӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI)» аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳомидзода Ф.М.**

Имзои н.и.т., дотсент Ҳомидзода Фурқат Муқимро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**
20.05.2026

*Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, мкр-ни 17, х. 1.*